# ХУЛОСАИ
# Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди
# Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №____

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 11-уми марти соли 2021, № 26**

Барои сазовор донистани Латифов Алихон Давлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи «**Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз**» аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) ба ҳимоя 26-уми ноябри соли 2020, суратмаҷлиси № 16, дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак 10, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2020, № 61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Латифов Алихон Давлатович 10-уми июли соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 шуъбаи ҳиндии факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабов Ҳабибулло мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
2. **Саидзода Вайсиддин** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна, ташхисгар номзади илмҳои филологӣ, дотсент Зулфиев Г. ва котиб Валиева М. имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои педагогика, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. –

Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он ба забони тоҷикӣ ва русӣ ва мақолаҳои илмие, ки довталаб дар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст, мувофиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодгардида мебошад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллифи 9 маводи чопӣ мебошад, ки аз он 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Латифов А. Д. Мақоми зан дар ҳикояи «Шинохти хеш»-и Меҳруннисо Парвиз //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Дониш», 2010. – № 3, – С. 177-180.

[2-М] Латифов А. Д. Симои зан дар ҳикояи «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2010, – № 7 (63), – С. 159-160.

[3-М]. Латифов А. Д. Тасвири ҳаёти зани ҳинду дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ»-и Меҳруннисо Парвиз // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Дониш», 2011. – № 1 (63), – С. 152-154.

[4-М]. Латифов А. Д. Тасвири ҳаёти деҳа дар ҳикояҳои «Кунҷи зинапояҳо» ва «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2016, – № 4/3 (203), – С. 165-168.

[5-М]. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз – тарсимгари расму таомули рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2017, – № 4/3, – С. 242-245.

[6-М]. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз – рӯзноманигор // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2017, – № 4/4, – С. 239-243.

[7-М]. Латифов А. Д. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2018, – № 6, – С. 199-204.

[8-М]. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз – намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2019, – № 5, – С. 253-258.

[9-М]. Латифов А. Д. Меҳруннисо Парвиз ва сабки нигориши ӯ (дар мисоли ҳикояҳои «Шинохти хеш», «Модари Кашмир», ва «Садбарги сурх») // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». – Душанбе: Сино, 2020, – № 7, – С. 312-317.

Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти Ҳинд, бахусус пажӯҳиши насри Ҳинд алоқамандӣ доранд.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Аз номзади илмҳои филологӣ, ходими олмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Ҷамила Ҷамол Мурувватиён. Тақриз мусбат аст. Ба сифати эрод қайд мегардад, ки хуб буд ҳар бобе ба таври васеъ натиҷагирӣ мешуд; баъзе иштибоҳоту хатоҳои грамматикӣ ба назар мерасанд.
2. Аз номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Додихудоев Р. М. Тақриз мусбат аст. Ба сифати эрод қайд мегардад, ки дар автореферат ҳангоми дар бахши шарҳи мухтасари зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «Бозтоби пайвандҳои хонаводагӣ» ҳамчун далел порчаи матне аз ҳикояҳо ё номи ҳикояе оварда нашудааст.
3. Аз номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва робитаҳои байнифарҳангии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пакаева З. Х. Тақриз мусбат аст. Ба сифати эрод қайд гардидааст, ки беҳтар мешуд, ки диссертант таранскрипсияи номгӯи ҳикояҳоро ба забони лотинӣ меовард (саҳ. 12, 17, 19); дар рисола ба тозатарин пажӯҳишҳои танқидии муҳаққиқони ҳиндӣ доир ба эҷодиёти адиба Меҳруннисо Парвиз кам эътибор дода шудааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар натиҷаи иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

Тавсифу баррасии зиндагиномаи илмии Меҳруннисо Парвиз бар асоси осори мавҷуди таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф **коркард карда шудааст.**

Баррасии фаъолияти иҷтимоӣ ва рӯзноманигории нависанда, муқаррар кардани мавқеи ҳикояҳо дар эҷодиёти нависанда **пешниҳод шудааст.**

**Исбот шудааст, ки** иҷтимоъ ва масоили печидаи он яке аз мавзӯъҳои асосии Меҳруннисо Парвиз мебошад. Меҳруннисо Парвиз дар зиндагӣ ва эҷод ҳамвора мушоҳиду наззорагари масоили иҷтимоӣ, махсусан зану ҷойгоҳи он дар конуни ҳастӣ будааст. Мавзӯи дигари калидӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз таъсири фазову муҳити хонаводагӣ дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии фарзанд, бархӯрди онҳо ба мушкилоти хонавода аст.

Дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал аст зиндагинома, мероси адабӣ ва хусусиятҳои мавзӯӣ, идеявӣ ва услубии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин, дар рисола дар

асоси дидгоҳҳову назари мунаққидони адабиёти муосири ҳиндӣ ва бо назардошти фаъолияти эҷодӣ мавқеи Меҳруннисо Парвиз дар адабиёти ҳиндӣ ва саҳми ӯ дар рушду инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ **муайян карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои он ба масъалаҳои камшинохтаи марбут ба ҳаёт ва фаъолияти нависанда Меҳруннисо Парвиз равшанӣ андохта, дар омӯзиши пурраи ҳикояҳои ӯ маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии давраҳои ташаккули ҳикояи ҳиндӣ баъди ба даст овардани истиқлол, таҳаввулоти падидомада дар мавзӯъ, муҳтавову мундариҷаи ҳикоя дар нимаи дуюми дуюми асри XX судманд хаҳад буд.

Рисола ба мутахассисон ҳамчун маводи назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти ҳиндӣ ёрии амалӣ мерасонад, зеро рисола бо назардошти дидгоҳҳои нави назарӣ оид ба арзёбии осори ҳунарӣ таълиф шуда, воқеияти ҳаёти адабии Ҳиндустонро дар давраи мавриди назар таҷассум мекунад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** равишҳои таърихӣ-филологӣ ва усули таҳқиқи қиёсӣ-таърихии падидаҳои адабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Чунин заминаи назариявии пажӯҳишҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии давраҳои ташаккули ҳикояи ҳиндӣ баъди ба даст овардани истиқлол, таҳаввулоти падидомада дар мавзӯъ, муҳтавову мундариҷаи ҳикоя дар нимаи дуюми асри XX судманд хоҳад буд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва накди адабӣ истифода кард.

Ҳамчунин метавон ҳангоми тадвину таҳлили дастурҳои методӣ ва воситаҳои таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти муосир, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими адабиёти муосири ҳиндӣ ва назария ва амалияи наср дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ истифода кард.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ **чун** В. М. Жирмунский, В. В. Виноградов, М. М. Бахтин, М. Б. Храпченко, Ю. М. Лотман, В. В. Томашевский, Минӣ Самуел, Х. Шарифзода, М. Шакурӣ ва А. Раҳмонзода **асоснок карда шудааст.**

Зимни таҳқиқот асарҳои Минӣ Самуел, Шраддҳа Чандракар, Каминӣ Сенварҳа, Сукеш Дубе, Хоҷа Аҳмад Ансорӣ, Е. П.Челишев, Ҳ. Раҷабов, А. Кӯчарзода ва Ш. Солеҳов **истифода шудаанд.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ дараҷаи инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ва нақшу хидматҳои адиба дар ташаккулу таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар солҳои истиқлолияти Ҳиндустон **муайян карда шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** дар мустақилона гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маводи мавриди таҳқиқ, пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва нашри 9 мақолаи илмӣ инъикос мегардад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Латифов Алихон Давлатович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 18 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 8 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 21 нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор - 18, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Саъдуллоев Ҷ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

11. 03. 2021